**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

## БОБИ 1. МУҚАРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмуъ низоми пешгирии коррупсияро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа танзим менамояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мафҳумҳои асоси**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқи ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ** - фаъолият оид ба ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ваколатдор амалӣ гашта, аз натиҷаи он ҷиҳати баррасии. ҳатмӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ (минбаъд - субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда) хулоса дода мешавад;
- **арзёбни дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ** - фаъолияти мақоми давлатии таҳиякунандаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ,
мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот) оид ба ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;
- **экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ** - фаъолияти шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба гузаронидани экспертизам зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гашта, аз натиҷаи он ҷиҳати баррасии ҳатмӣ ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда хулоса дода мешавад.

## БОБИ 2. АСОСОХОИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**Моддаи 4. Принсинҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии саиадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- асоснокӣ, холисӣ (беғаразӣ), айният ва имконпазирии санҷиши натиҷаҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- салоҳиятнокии шахсоне, ки экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мегузаронанд;
- мустақилият ва ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда вобаста набудани экспертҳо;

- ҳатмӣ будани гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- ҳатмӣ будани баррасии хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадхои меъёрии хукукй;
- шаффофият ва таъмини имконияти шинос шудан бо натиҷаи эк'спертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- масъулияти субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадхои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор барои сифати экспертизаи зиддикоррупсионӣ.

**Моддаи 5. Омилхои бавучудоварандаи коррупсия**

1. Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия - меъёр (меъёрҳо) дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба барномаҳои (стратегияҳои) давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дошта, барои зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла бархурди манфиатҳо, вайрон намудани одоби касбӣ ва риоя накардани принсипи шаффофият шароит фароҳам оварда, ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсони мансабдори онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ ваколатҳои беасоси фармонфармой ва ихтиёрдорӣ дода, имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумии муқарраршуда, ҳамчунин хавфи пайдоиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояш мушкил ва монеаҳои сохтаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ эҷод мекунад.

2. Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки ба ҳуқуқтатбиққунанда ваколатҳои беасос васеи фармонфармоӣ, ихтиёрдорӣ ё имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумиро муқаррар менамоянд, инҳо мебошанд:

- васеъ будани доираи ваколатҳои додашуда - мавҷуд набудан ё номуайянии мӯҳлатҳо, шартҳо ё асосҳои қабули қарор, такрор шудани ваколатҳо дар байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);
- муайян кардани салоҳият аз руи қоидаи «ҳуқуқ доштан» - пешбинӣ намудани имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) содир намудани амалҳо нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- интихобан тағйир додани доираи ҳуқуқҳо - имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) беасос муқаррар намудани истисноҳо аз қоидаҳои умумӣ барои шахсони вокеӣ ва ҳуқуқӣ;
- озодии аз ҳад зиёди меъёрэҷодкунии санадҳои зерқонунӣ - мавҷудияти меъёрҳои ҳаволакунанда ва умумӣ, ки заминаи аз худ кардани салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро (шахсони мансабдори онҳоро) ба вуҷуд меорад;
- қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ берун аз доираи салоҳият - аз доираи салоҳияти худ баромадани мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) дар мавриди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- ихтилофҳои меъёрӣ - пурра ё қисман мухолиф будани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ барои озодона интихоб намудани санаде, ки дар ҳолати мушаххас бояд татбиқ карда шавад, имконият ба вуҷуд меорад;
- мукаммалгардонии норасоиҳо дар қонунгузорӣ тавассути санадҳои зерқонунӣ бидуни ба таври қонунгузорӣ ваколатдор шудан - муқаррар намудани қоидаҳои умумиҳатмии рафтор дар санади зерқонунӣ дар мавриди набудани санади қонунгузорӣ;
- мавҷуд набудан ё нопуррагии расмиёти маъмурӣ - мавҷуд набудани тартиби амалисозии ҳаракатҳои муайян ё ҷузъиёти онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);

- даст кашидан аз расмиёти баргузории озмунҳо (музоядаҳо) - муайян намудани тартиби маъмурии пешниҳоди ҳуқуқҳо ва (ё) неъматҳои моддию ғайримоддӣ;
- мавҷудияти талаботи барзиёд нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад - муқаррар намудани талаботи номуайян, иҷрояшон мушкил ва заҳматталаб барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- меъёрҳои имконияти суиистифода намудани ҳуқуқро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахсони мансабдори онҳо бавуҷудоваранда - мавҷуд набудани тартиботи аниқи амалисозии ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- номуайянии ҳуқуқию лингвистӣ (забонӣ) - истифодаи гуруҳи истилоҳҳои беасоси хусусияти муайянкунидошта ва ибораҳои бисёрмаънӣ, ки бе тафсири мафҳумҳои мушаххас қобили қабул ва истифодабарӣ нестанд.

3. Дар мавридҳои мавҷуд будани асосҳои кофӣ, номгӯи омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мумкин аст бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур тағйир дода шавад.

**Моддаи 6. Намудҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи давлатӣ ва ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешавад.

2. Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷониби субъектҳои дар моддаи 8 Қонуни мазкур зикргардида ва экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузаронида мешавад.

**Моддаи 7. Объектҳой экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Объектҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инҳо мебошанд:
- қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва лоиҳаҳои онҳо;
- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорқои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
- фармонҳои Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаҳои онҳо;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо.

2. Дастурҳо, низомномаҳо, оинномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онхо, ки бо санадҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда тасдиқ мегарданд, ҳамчунин объекта экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд.

**Моддаи 8. Субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор**

1. Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда гузаронида мешаванд. Ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ мутахассисоне ҷалб карда мешаванд, ки дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок накардаанд.

2. Макомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти

умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳоро бевосита гузаронад.

3. Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 9. Асосҳо барои гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Асос барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ин таҳия намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

2. Асосҳо барои гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инҳо мебошанд:

- мониторинга татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия;
- воридшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ;
- муроҷиати мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар бораи ҷой доштани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

1. Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дархостҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектҳои дар моддаи 8 Қонуни мазкур зикргардида гузаронида мешавад.

2. Хулосаҳои экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд барои гузаронидани экспертизаи давлатии зидцикоррупсионӣ асос гарданд.

**Моддаи 10. Самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бояд дар навбати аввал аз экспертизаи зиддикоррупсионӣ гузаранд, чунин лоиҳаҳои таҳиягашта дохил мешаванд:

- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии хукукӣ оид ба танзими муносибатҳои байни мақомоту идораҳои давлатӣ, аз як тараф ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз тарафи дигар;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои истифодаи замин, андоз, гумрук, зиддиинҳисорӣ, муфлисшавӣ, фаъолияти иқтисодии беруна, назорати асъор, идоракунии молу мулки давлатӣ, инчунин молу мулки ғайридавлатӣ, ки дар он ҳиссаи давлат мавҷуд аст;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои хизмати давлатӣ, муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, хоҷагии ҷангал, захираҳои об, ҳифзи муҳити зист, низоми иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, суғуртакунонӣ, танзимкунандаи фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, вогузор намудани вазифаҳои як мақомот ба мақомоти дигар;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба амалӣ намудани барномаҳои (стратегияҳои) миллии зиддикоррупсионӣ ва чораҳо чиҳати тақвияти муқовимат ба коррупсия;
- лоиҳаҳои консепсияҳо, стратегияҳои миллӣ ва барномаҳои давлатӣ;
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳия намудаанд.

**Моддаи 11. Вазифаи мақомоти давлатӣ оид ба ирсоли ахборот ва мусоидат барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд дар мавриди ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки соҳаи фаъолияти онҳоро танзим менамоянд, ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ахборот ирсол намоянд.

2. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи зиддикорупсионии санадои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба экспертҳо маълумотҳои дахлдорро пешниҳод карда, ба онҳо барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ ҳаматарафа мусоидат намоянд.

**Моддаи 12. Хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар натиҷаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор карда мешаванд, дар хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ нишон дода мешаванд.

2. Дар хулосаи экспертизаи зиддикоррупсиони роҳу воситаҳои бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ба воситаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон дода мешаванд.

3. Хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

4. Хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) дар мӯҳлати як моҳ аз рузи воридшавии хулоса ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

5. Дар сурати розӣ шудан бо хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба санади меъёрии ҳуқуқйӣ таҳия намуда, дар ин хусус ба субъекте, ки экспертизаи зиддикоррупсиониро гузаронидааст, хабар медиҳанд. Лоиҳаи таҳиягардида тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

6. Дар сурати розӣ нашудан бо хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) ба субъекте, ки экспертизаи зиддикоррупсиониро гузаронидааст, раддияи асоснок ирсол менамоянд.

**Моддаи 13. Экспертизам ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

1. Шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур метавонанд экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро аз ҳисоби маблағҳои худ гузаронанд.

2. Экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии Ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё гуруҳи коршиносон ё ташкилотҳои интихобкардаи шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ мегузаронанд.

3. Ба сифати эксперт шахси воқеие баромад карда метавонад, ки таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола аз руи ихтисос дошта бошад.

4. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамон вақт ҳуқуқ доранд, ки агар дар ҳайати кормандонашон на камтар аз се шахси ба талаботи дар қисми 3 ҳамин модда пешбинишуда ҷавобгуро дошта бошанд.

5. Дар хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия нишон дода шуда, роҳу воситаҳои бартараф кардани онҳо пешниҳод карда шаванд.

6. Хулосаҳои экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти тавсиявӣ доранд.

7. Хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳахои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба субъектҳои ҳукукэҷодкунандаи дахлдор чиҳати баррасӣ пешниҳод карда мешавад.

8. Дар сурати аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда қабул накардани хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятии ташаббускори гузаронидани экспертизаи ҷамъиятии зидикоррупсионӣ раддияи асоснок ирсол карда мешавад.

9. Шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар ҳолати розӣ набудан ба раддияи хулосаи экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия муроҷиат намоянд.

**Моддаи 14. Ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешбурди корҳои таҳлилиро дойр ба ин масъала мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**Моддаи 15. Ваколати Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он оид ба ошкору бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Дар рафти амалӣ намудани ваколатҳои худ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он ҳангоми дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор намудани омилҳои бавучудоварандаи коррупсия метавонанд ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда ҷиҳати бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия. ё ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол намоянд, ки баррасии он ҳатмӣ мебошад.

## БОБИ 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 16. Ҷавобгарӣ барои риоя накарданн талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 17. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе, 28 декабри соли 2012
№925